# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.**

Таҳқиқоти илмие, ки мутафаккирону олимони бузург ва устодони фозилу фарзона перомуни масъалаи хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ, сарфу наҳв, мафҳумҳои гуногун, истилоҳшиносӣ, истилоҳгузинӣ, услуби нигориши осори адибони давраҳои гуногуни адабиёти тоҷику англис кардаанд, сарчашмаи илмҳои муҳаққиқони минбаъда гардидааст. Бо истифода аз назару андешаҳои илмии онҳо рӯ овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни забон ва осори адибон ва дар ин замина нишон додани таҳаввулоти луғавӣ, сарфию наҳвӣ, услубиёти забон, таҳлили муқоисавии истилоҳоти “рӯзноманигорӣ” мавзӯи муҳимми илмӣ мебошад.

Ҳамчунин баррасии паҳлуҳои мухталифи забон дар ҳама давраҳо ҷиҳати нишон додани ташаккули таърихии ҳодисаҳои гуногуни забонӣ, аз ҷумла мафҳуми рӯзноманигорӣ ба инкишофи забон мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки пажуҳиш дар мавзӯи зикргардида саривақти буда, аз чанд ҷиҳат мубрам ба шумор меравад.

Дар замони муосир таваҷҷуҳи олимони забоншиносро бештар масъалаҳои низоми истилоҳотӣ дар забонҳои гуногуннизом ҷалб менамояд. Дар ин росто, таҳқиқ ва пажуҳиши равандҳои ташаккули ифодаҳои истилоҳӣ дар забонҳое, ки аз ҷиҳати сохтор мухталифанд, ошкор намудани монандӣ ва тафовути онҳо аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Баррасии илмии низоми истилоҳотии рӯзноманигорӣ дар ин раванд мубрам арзёбӣ мегардад.

Муаллифи диссертатсияи фавқуззикр кушидааст, ки таҳқиқи вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳоти рӯзноманигорро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ коркард карда, баромадани тавсияҳои амалиеро дар

назар дорад, ки барои мураттаб гардондани низоми истилоҳотии зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат мекунанд. Беш аз ҳама ба ин тавсияҳо забони тоҷикӣ ниёзманд аст, зеро низоми истилоҳотии он дар риштаи рӯзноманигорӣ ҳанӯз ба тарзи пурра ташаккул ва рушд наёфтааст.

Мавзӯи таҳлили муқоисавии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои англисию тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик оид ба паҳлуҳои гуногуни низоми истилоҳоти соҳаҳои гуногун корҳои муайяни илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, дар бораи вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти ин соҳа таҳқиқоте сомон дода нашудааст.

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, фарогири 194 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар фишурдаи диссертатсия оид ба масоили мубрам будани мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, манбаи таҳқиқот, навгонии таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ва ғайра ба таври мушаххас баён шудааст. Мақсади муҳаққиқ Раҳматуллоев М.С. дар муқаддима ва ду боби диссертатсия баён гардида, муаллиф онро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Аз фишурдаи диссертатсия маълум аст, ки масъалаи назариявии марбут ба мавзуъ пурра омӯхта шудааст ва бо интихоби дурусти усули таҳлил, таҳқиқу арзёбии яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ, яъне истилоҳшиносӣ, ки яке аз мавзуъҳои калони забоншиносӣ маҳсуб меёбад, бахшида шудааст. Тазаккур бояд дод, ки масоили марбута нахустаҳқиқ аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон Раҳматуллоев М.С. мебошад, ки ин ҳам бошад шоёни таърифу таҳсин аст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки бори нахуст вижагиҳои луғавию грамматикии истилоҳоти «рӯзноманигорӣ» дар забонҳои англисию  тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва муқоиса қарор

гирифтааст. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқониояндаи илми забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ маводи хуби илмӣ буда метавонад.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот низ эътимоднок буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзӯи диссертатсия иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳристи адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳо бояд зикр кард, ки дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии сифати кор хоҳад буд:

1. Дар автореферат пайи ҳам иқтибосҳоро овардан, кори шоҳиста нест. Чунин ҳолат дар саҳифаҳои 3, 4, 5-и фишурдаи диссертатсия ба чашм мерасад.
2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия, мисолҳо оиди истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бо тарҷума ангуштшумор мебошанд. (17, 18, 19, 20 ва ғ.)
3. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ бештари таваҷҷуҳи таҳқиқоти худро ба рисолаву корҳои манзуми забоншиносон ва типологони тоҷик такя менамуд, то ки ҳусну фасоҳати фишурдаи диссертатсия дигаргун мегашт.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва фишурдаи тақризшаванда чизе коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои диссертатсия метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии диссертатсия тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти забонии истилоҳоти «рӯзноманигорӣ» дар асоси қомусномаҳо ва фарҳангҳои дузабона ва сезабона бозгӯ намоянд.

Биноан, диссертатсияи номзадии Раҳматуллоев М.С. кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, посухгӯ мебошад. Фишурдаи диссертатсия ва силсилаи мақолоте, ки муҳаққиқ перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои

диссертатсияро инъикос намудаанд. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Раҳматуллоев Маҳмадуллоро ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор ба дифоъ медонем ва муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикргардида арзанда аст.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва типологияи
забони англисии Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Тағоева Табассум Музафаровна

**Нишона:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Дустии Халқҳо, №66, х. 34
Нишонии электронӣ: tabassumtaghoeva@gmail. com
Тел.: (+992) 905707067

Имзои профессор Тағоева Т.М.-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

«02» декабри 2023 сол